# КАЛИМАСОЗИИ ИСМ ВА СИФАТ ДАР ҚИССАИ “РИВОЯТИ СУҒДӢ”-И СОТИМ УЛУҒЗОДА

# СОТИМ УЛУҒЗОДАНИНГ “РИВОЯТИ СУҒДИЙ” ҚИССАСИДА ОТ ВА СИФАТ СЎЗ ТУРКУМИНИНГ ЯСАЛИШИ

**Орифқулов Самар Мизробович**[1]

[1]**Орифқулов Самар Мизробович**

*Хатмкунандаи факултаи Филологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов*

*E-mail:samarorifqulov@gmail.com*

*Тел.: (+998) 99-261-40-69*

**Аннотатсия.** *Қиссаи “Ривояти суғдӣ”-и Сотим Улуғзода барои пайваст кардани дирӯзу имрӯз ва фардо кӯмак мекунад. Зеро қиссаи мазкур асари таърихӣ буда, дар бораи расму оин, дину эътиқод ва сохтори асрҳои пешазисломии мардуми Мовароуннаҳру Хуросон, яъне давлати Суғд маълумот медиҳад.*

*Мақолаи мазкур ба таҳлили қонунҳои калимасозӣ дар сатҳи исм ва сифат дар асоси қиссаи “Ривояти суғдӣ”-и нависандаи маъруфи тоҷик Сотим Улуғзода бахшида шудааст. Муаллиф тарзу усулҳои ташаккули калимаҳои навро тавассути аффиксҳо, таркиб, ҳамбастагии маъноӣ ва таҳлили сохтории забон баён мекунад. Дар мақола нишон дода мешавад, ки чӣ гуна Сотим Улуғзода бо истифода аз унсурҳои забони адабии тоҷикӣ ва имкониятҳои калимасозии он ба ғановати луғавии асар мусоидат намудааст. Ҳамчунин, мақола муҳимияти таҳқиқи ин равандро барои омӯзиши забоншиносии амалӣ ва мустаҳкам намудани тарзи суханрониро таъкид мекунад.*

**Калидвожаҳо:** *соза, созаи аслӣ, созаи ёвар, калима, сарф, калимасозӣ, исм, сифат, категорияҳои исм, категорияҳои сифат, калимасозии сарфӣ, пешванд, пасванд.*

**Annotatsiya.** *Sotim Ulug‘zodaning “Rivoyati sug‘diy” qissasi o‘tmish, bugun va kelajakni bog‘ lashga yordam beradi. Chunki ushbu qissa tarixiy asar bo‘ lib, unda Movarounnahr va Xuroson xalqlarining islomdan avvalgi davrlardagi urf-odatlari, diniy e’ tiqodlari va ijtimoiy tuzilmalari haqida ma’ lumot beriladi.*

*Mazkur maqola Sotim Ulug‘ zodaning “ Rivoyati sug‘ diy” asari misolida ismlar va sifatlarning yasalish jarayonini tahlil qilishga bag‘ ishlangan. Muallif so‘ z yasalishining usul va metodlarini, affiksatsiya, tarkibiy tuzilish, ma’ no bog‘ lanishi va tilshunoslik nuqtai nazaridan o‘ rganadi. Maqolada Ulug‘ zoda qanday qilib tojik adabiy tilining imkoniyatlaridan foydalangan holda asarining lug‘ aviy boyligini ta’ minlagani ko‘ rsatilgan. Shuningdek, maqolada ushbu jarayonni o‘ rganishning tilshunoslik amaliyoti va o‘ zbek adabiy tilining rivojlanishidagi ahamiyati ta’ kidlangan.*

**Kalit so’zlar:** *morfema, so’ z, so’ z turkumi, so’ z yasalishi, ot, sifat, otning yasalishi, sifatning yasalishi, otning kategoriyalari, sifat kategoriyalari, qo’ shimchalar.*

**САРСУХАН**

Асари "Ривояти суғдӣ"-и Сотим Улуғзода як шоҳкори адабии баёнгари фарҳанги пурғановати мардуми Суғд аст. Ин қисса дар баробари арзёбии таърихии вазъи иҷтимоиву фарҳангии мардум дар асрҳои пеш аз ислом, нақши муҳимро дар пайваст кардани замонҳои гуногун ва таърихи халқи тоҷик мебозад. Дар ин асар, нависанда бо истифода аз санъати калимасозӣ ва шеваи бадеии хос, на танҳо расму оинҳои динии он замон, балки маънавият, аҳкоми иҷтимоиву давлатдорӣ ва ҳаёти ҳаррӯзаи мардуми Суғдро ба таври зинда ва воқеӣ тасвир мекунад. Қиссаи "Ривояти суғдӣ" бо вусъат додани дониш дар бораи таърихи пешазисломии Суғд ва Хуросон, боз ҳам диққати моро ба арзишҳои фарҳангии таърихии мо ҷалб менамояд.

**МЕТОДҲО**

Барои дарк кардани мавзуъ аз методи нигоҳи назарӣ ба мавзуъ истифода кардем. Барои таҳлил аз қиссаи “Ривояти суғдӣ” ва “Забони адабии ҳозираи тоҷик” мавод ҷамъ оварда, хусусиятҳои онҳоро тариқ методи таҳлил таҳлили синтаксисӣ намудем.

**МУҲОКИМА ВА НАТИҶАҲО**

Исм ҳамчун ҳиссаи мустақилмаънои нутқ тарзҳои гуногуни калимасозӣ дорад. Дар асоси калимасозии сарфӣ сохта шудани исмҳо ба роҳҳои зайл сурат мегирад:

а) Бо пасвандҳо сохта шудани исм. Бо пасвандҳо сохта шудани исм
типи сермаҳсултарини калимасозии сарфӣ ба шумор меравад. Чунончи,
кор-гар, чашма-сор ва ғайра.

б) Бо пешоянд сохта шудани исм. Бо пешоянд сохта шудани исм типи каммаҳсултарини калимасозии исм ба шумор меравад. Дар забони тоҷикӣ асосан як пешоянди калимасози ҳам- мушоҳида мешавад: ҳамҚроҳ, ҳамкор.

в) Бо пешоянд ва пасоянд сохта шудани исм. Ин тарзи исмсозӣ ба забони адабии тоҷик он қадар роиҷ нест. Ба ин роҳ сохта шудани калимаи "ҳамшира" ва монанди инҳо ба назар мерасад.

Сифат бо исм алоқаи ҷудонашаванда дошта худи предмети грамматикиро не, балки хосият, вазъият, нисбат ва ҳолату чигунагии предметро дар бар мегирад.

Сифат ҳамчун ҳиссаи нутқ дорои чунин хусусиятҳо мебошад:

1) Сифат аз чиҳати маъно аломати предметро мефаҳмонад. Аз ин ҷиҳат вай ба саволҳои чӣ гуна?, чи хел? ҷавоб мешавад.

2) Ҷамъбандӣ ба сифат хос нест. Бинобар ин дар ибораи изофии тавсифӣ исм хоҳ дар шакли танҳо ояд, хоҳ дар шакли ҷамъ, дар шумораи танҳо мондан мегирад: манзараи зебо - манзараҳои зебо, абри сафед - абрҳои сафед.

3) Сифат дараҷа дорад, нишонаи морфологии он суффикшои -тар, -тарин мебошад.

4) Сифат пешванду пасвандҳои махсуси калимасоз дорад. Дар калимасозии сифат пешванд ва пасвандҳо қариб баробар истифода мешаванд.

5) Дар ҷумла сифат пеш аз ҳама муайянкунанда шуда меояд .

**ТАҲЛИЛ**

**Калимасозии исм дар асари «Ривояти суғдӣ»**

Ҷавонон, роҳзан задухӯрд. Ҷавгонбозӣ дилписандтарин бозии ҷавонони Суғд буд. Дар забони адабии тоҷик ҳамчун калима бе ҳеҷ тағйирот истифода шудани таркибу ибораҳо мушоҳида мешавад. Калимаи туркдухтар, ки дар ин асар оварда шудааст, мисол шуда метавонад. Дар он ҷо туркдухтареро ба занӣ гирифт.

**Калимасозии луғавию маъноӣ**. Ин тарзи калимасозӣ дар забони адабии тоҷик сермаҳсул аст. Дар ин тарзи калимасозӣ ҳодисаи ба маъноҳои гуногун ва мухталиф истифода шудани ҳамон як калима мушоҳида мешавад. Чунончӣ, калимаи зан (шахсро ифода кардааст). Бояд илова кард, ки зан ҳамчун феъли фармоишӣ низ истифода бурда мешавад.

**Калимасозии сифат дар асари «Ривояти суғдӣ»**

*1)Дар Ревдод ҷомашӯйзанаке буд. Наниманча ном духтаре дошт, ки хона ба хона гашта пӯшоки чиркин мегундошт ва баъди шустан онро ба соҳибонашон оварда медод*. [10,4]

*2)Дар хонаводаи ғарибиашон мард набуд, лекин ба ҷойи мард Наниманча бас буд, ки кори ду ҷавонмардро мекард. [10,6]*

Дар ин ҷумла калимаи "**ғарибиашон**" сифати нисбӣ аст. Реша ё худ созаи асосии ин калима "**ғариб**" аст, ки мафҳуми конкретро ифода мекунад. Пас аз қабул кардани пасванди **-ӣ** мафҳуми абстрактро ифода карда, бандакҷонишини шахси сеюми ҷамъ "ашон"-ро низ касб кардааст.

*3)Виркан аз полизча, ки падараш дар ҳаёташ дар пушти боми хона кошта буд, ду харбузаи* **калонро** *канда оварда ба хурҷин андохт, боз ду нони* **тобагӣ** *ва чорто мурғи титав, ки он рӯз сайд карда буд, дутояшро андохт ва хурҷинро ба китфаш гирифта бадар рафт.[10,13]*

Дар ин ҷумла калимаи “***калон***” сифати аслӣ ва калимаи "***тобагӣ***" сифати нисбӣ аст.

*4)Ду шутури ӯ дар дашт ба шутурон ва галаи аспони як нафар деҳқони* **самарқандӣ** *месароиданд, галабони ӯ Ромтиш ном ошнои Виркан буд, ки бо шутурони вай ҳам нигоҳ мекард.*

Дар ин ҷумла калимаи "***самарқандӣ***" сифати нисбӣ аст, ки мафҳуми нисбат ба маконро ифода кардааст.

*5)Рӯзи офтобии баҳорон буд, ки ҳаво аз ҳама гуна ғуборҳо пок, дар осмони лоҷувардӣ ҳамчун обгина мусаффо лаккаи абре пайдо нест*. [10,15]

*6)Виркан аз мехи* **чӯбини** *девор дастурхонро гирифта ба рӯйи намад ёзонд, чандто нони ҷавориро ба он гузошт, ва пора кард. [10,17]*

Дар ин чумла калимаи "***чӯбин***" аломатро аз ҷиҳати нисбат доштан ба предмети дигар нишон додааст.

*7)Сандуқчаи дар тоқча истодаро кушод. Аз вай ба лаъличаи* **сафолин** *мавизу ангур ва тутмавиз андохта ба пеши меҳмон ниҳод. [10,11]*

Дар ҷумлаи болоӣ калимаи "***сафолин***" аломатро аз ҷиҳати сохта шудан аз чизе нишон додааст

*8)Модару духтар аз болои тавораи* **пастаки хасин** *Виркани* **хӯрҷинбадӯш**ро, *ки бо қади ҷӯй аз байни сафедору маҷнунбедҳо калон- калон қадам партофта ба тарафи кӯчаи онҳо меомад, дида ҳайрон шудаанд. [10,14]*

**ХУЛОСА**

Хулоса, дар қисми аввали асари мазкур ҷамъи калимаҳое, ки бо роҳи калимасазии сарфӣ сохта шудаанд, 72- торо ташкил мекунанд. Аз инҳо ҳамагӣ 4-то калима (савдогар, ғоратгар, хизматгар, ҳамсолон).

Дар боби аввал "Виркан" ва дуввум "Наниманча" аз рӯи категорияҳои сарфӣ ду ҳиссаи нутқ - исму сифат мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифт. Мушоҳида ва таҳлилҳо нишон дод, ки дар боби аввали асари мазкур калимаҳои шаҳр, абрешим, тилло, зарф, нуқра, карбос, дебо, чарм, гилем, камон, сипар, ҷавшан, шарқ, ғарб, кишвар, шаҳр, деҳот, кох кошона, мол мулк, шутур, моҳ, роҳ, биёбон, ҳоким, шамшер, асп, даст, араб, риш, бурут, чашм, дил, гардан, китф, рон ва монанди инҳо ҷамъ зиёда аз 200 калима ҳамчун исм аз ҷиҳати сохт таҳлил карда шуд.

Савдогари ғаюр ва корчаллони суғдӣ дар паси суд ба куқоҳое, ки намерафт.

Сифатҳои аз ҷиҳати сохт сода. ғаюр, кабир, нафис, аъло, саросема, дур, огоҳ, ҳушёр, наздик, омехта, тануманд, қашқа, калон, сиёҳ, ҳалок, маъюб, сурх, сафед, хурсанд, чобук, баланд.

Савдогари ғаюр ва корчаллони суғдӣ дар паси суд ба куқоҳое, ки намерафт.

Сифатҳои аз ҷиҳати сохт сохта: *нохуш, сӯзон, тафсон, бадтарин, нерӯманд, бекарон, суғдӣ, хитоӣ, занданегӣ, порсӣ, чинӣ, румӣ, ҳиндӣ, ҳалабӣ, бурдӣ, яманӣ, мисин, бухороӣ, захмин, самарқандӣ, тагҷоӣ, пасин, пешин.*

9)Офтоб сӯзон, ҳавои регзорон чун дами кӯраи оташ тафсон. [10,19]

Сифатҳои аз ҷиҳати сохт мураккаб*: пурмашаққат, шонафарох, ришсиёҳ, солхӯрда, миёнасол, зеботалъат, хушсавлат, шарорафишон, пурҳунар, латхӯрда, талафотдода, захмдор, олиҳиммат, ғайричашмдошт, ромнашуда, дилписандтарин.*

*10)Яке аз чокирон, марди сисолаи* **тануманд**, **шонафарох**, **ришсиёҳ**, *ҷавшан дар бар ва кулаҳхӯрди* **мисин** *бар сар, савори аспи саманди* **қашқа**, *ба нахустин ҳамла ду роҳзанро аз асп фурӯ ғалтонд ва найзаи саввуминро бо як зарби шамшери* **дарозаш** *шикаст. [10,21]*

Мушоҳидаи сифатҳои таркибӣ дар қисми аввали асари мазкур - *кӯтоҳи базеб, бокитфу бозу, тезтаки пӯлодсуми фарбеҳсинаи пуштфарох, ёлдарози говдум.*

*11)Аспе дошт саманди* **қашқа, тезтаки пӯлодсуми фарбеҳсинаи пуштфарох, ёлдарози говдум***, ки ба вай рахши пасин ном ниҳода буд, яъне рахши пешин аспи Рустами Дастон аст ва ин пас аз вай. [10,24]*

## ФЕҲРАСТИ АДАБИЁТ


1. Бузургзода Л., Ниёзмуҳаммадов Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Қ.1. Фонетика ва морфология, барои мактабҳои миёнаи нопурра ва миёна. – С.: "Нашрдавтоҷ", 1946.

2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди.1. Фонетика ва морфология. - Душанбе: Дониш, 1985. - 126 сах.

3. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. - Душанбе, 1987

4. Кабиров М., Чориев Т. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Тошкент, 2017;

5. Қурбонов Т, Нафасов Т. Лингвистик таҳлил. – Тошкент: Ӯқитувчи, 1989.

6. Маъсумӣ Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик – Душанбе, 2013.

7. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ. Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1967, саҳ. 37-45.

8. Рустамов Ш. Таснифоти ҳиссаҳои нутқ ва мавқеи исм. – Душанбе: Ирфон, 1972.

9. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1972

10. Улуғзода. С. Ривояти Суғдӣ". Душанбе: "Адабиёти бачагон", 2017.

11. https://imlo.uz

12. https://mykitob.uz